**Протоколи № 13/22**
мачлиси шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ

22-юми ноябри соли 2022 ш. Душанбе

**Ширкат доштанд:** Мирзоев С. – н.и.ф., (мудири шуъба), Шарифзода Ф. – д.и.ф., Раҳматуллозода С. – д.и.ф., Собирҷонов С.– н.и.ф., Тӯраев Б. – н.и.ф., Қодирова С.– н.и.ф., Бобохонов Б. – х.к.и., Мамадаминова З. – х.и., Рузиев М. – унвонҷӯ.

**Рӯзномаи мачлис:**

1.Баррасии диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи **«Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)»** барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони точикӣ.

**Шунида шуд:**

1. Маълумот дар бораи диссертант:

Диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)» дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст. Мавзуи диссертатсия дар мачлиси Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ қарори №5 (протоколи №4), аз 21.09.2015 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии ӯ доктори илми филология, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло мебошад.

Диссертатсия ва автореферати диссертатсия ба шуъба пешниҳод гардида, н.и.ф. С. Мирзоев, н.и.ф. Б. Тӯраев, н.и.ф. С. Қодирова ва н.и.ф. С. Собирҷонов диссертатсия ва автореферати онро пурра хонданд.

2. Диссертант оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ, мақсаду вазифа ва мубрамии мавзуи диссертатсия маъруза кард;

Пас аз маърузаи диссертант саволу ҷавоб сурат гирифт.

Б. **Тӯраев, н.и.ф.**

**Савол:** Шумо доир ба гурӯҳи «сугутӣ» сухан рондед. Асли ин мафҳум «сугут» аст ё «суғд»?

**Ҷавоб:** Асли мафҳум «сугут» буда, ба вожаи «суғд» ҳеч иртиботе надорад. Мувофиқи маълумоти Р. Л. Неменова «калимаи «сугутӣ» аз вожаи «сугут» ном мавзеъ гирифта шуда, на ҳудуди маъмурӣ, балки ифодакунандаи хусусияти табиӣ, макони дар пастӣ ҷойгиршуда ва ботлоқзор, ки дар он қамиш мерӯяд ва ҳамчунин, макони дорои заминҳои обмонишаванда фаҳмида мешавад». Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ «суғуд-замини нишебе, ки оби борон дар он ҷамъ шавад; ҷойи обшор ва ободм» омадааст.

**С. Қодирова, н.и.ф.**

**Савол:** Аз донишмандони тоҷик ягон нафари дигар ба таҳқиқи лаҳҷаи Варзоб машғул шудааст?

**Ҷавоб:** Ба омӯзиши лаҳҷаи Варзоб бештар муҳаққиқони рус машғул гардиданд. Аз муҳаққиқони тоҷик оид ба лаҳҷаи Варзоб касе пажуҳиш анҷом надодааст. Танҳо дар таълифоти О. Маҳмадҷонзода ва С. Мирзоев баъзе номвожаҳои ҷуғрофии ноҳияи Варзоб мавриди баррасӣ қарор дода шудаанду халос.

**Суханронӣ карданд:**

**1. Роҳбари илмӣ**: – Яке аз лаҳҷаҳое, ки диққати олимонро барвақт ҷалб кардааст, ин лаҳҷаи Варзоб ба шумор меравад. Ба гузашти чандин даҳсолаҳо аз таҳқиқоти донишмандони ватаниву хориҷӣ системаи лексикаи лаҳҷаи мазкур, зери таъсири омилҳои гуногун ривоҷ ёфт, ки ба баррасиҳои махсус ниёз дорад. Бо дарки ин масъулият ва мубрамии масъала Рузиев Меҳрубон Миралиевич камари ҳиммат баста, дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») диссертатсияи номзадӣ пешниҳод кард, ки ба назари мо аҳаммияти илмию амалӣ дорад.

Ба андешаи мо, мақсаду вазифаҳои дар назди диссертант вогузоршуда ҳалли худро ёфтаанд ва рисолаи ӯ дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») кори анҷомёфтаи илмӣ буда, барои баррасӣ ва дифоъ тавсия мешавад.

**2. Мирзоев С**: – Диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич мазмуни баланди илмӣ дошта, дар маҷмуъ кори анҷомёфта

мебошад. Пеш аз ин ман диссертатсияро чанд маротиба хонда, ба муаллиф барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта маслиҳатҳо дода будам. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муаллиф муҳтавои диссертатсияро фаро мегирад. Дар баробари муваффақият баъзе камбудиҳо низ дар диссертатсия роҳ ёфтааст, киислоҳашон ба манфиати кор мебошад:

1. Муқаддимаи диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шавад.

2. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд.

Дар маҷмуъ кор дар сатҳи баланди илмӣ омода гардида, эродҳои зикргардида арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва пас аз ислоҳи эродҳо диссертатсияро метавон барои баррасӣ ба Шурои олимони Институт пешниҳод кард.

**3. Тӯраев Б:** – Ман диссертатсия ва фишурдаи онро хондам. Мавзуи таҳқиқ хеле ҷолиб буда, он аз мазмуни баланди илмӣ бархурдор аст ва кори анҷомёфта маҳсуб мешавад. Дар баробари таҳқиқи ҷанбаҳои забонӣ, инчунин дар диссертатсия метавон маводи нодири этнолингвистиро мушоҳида кард, ки арзиши илмии корро афзудаанд. Чунин камбудиҳо дар диссертатсия ба назар мерасанд:

1. Мисолҳо тавре оварда шаванд, ки фарқ карданашон осонтар шавад.

2. Мавқеи ҷуғрофӣ ва маълумоти мухтасари таърихии ноҳия, ки дар муқаддима оварда шудааст, хуб мешавад дар фасли якуми боби аввал оварда шавад.

Диссертатсияро метавон пас аз ислоҳи эродҳо ба баррасии Шурои олимони Институт пешниҳод кард.

**4. Қодирова С:** – Ман диссертатсия ва фишурдаи онро ба пуррагӣ хондам. Мавзуи мавриди таҳқиқ актуалӣ буда, муаллиф заҳмати зиёд ба харҷ додааст. Дар диссертатсия чунин камбудиҳо ба мушоҳида расид:

1. Дар саҳифаи якуми диссертатсия дараҷаи илмӣ ва ихтисос оварда нашудааст.

2. Дар мундариҷаи кор саҳифаҳо дода нашудааст.

3. Теъдоди адабиёти дар рӯйхат овардашуда, ки 300 адабиётро дар бар мегирад, камтар карда шавад.

Дар маҷмуъ диссертатсияи номзадии Рузиев М.М. кори анҷомёфта буда, онро метавон пас аз ислоҳи эродҳо барои баррасӣ ба Шурои олимони Институт пешниҳод кард.

**5. Собирҷонов С:** – Ман диссертатсия ва фишурдаро хондам ва ба андешаи устодон мувофиқам. Диссертатсия дар мӯҳлати муайяншуда ба анҷом расидааст. Дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳо низ дар диссертатсия вуҷуд доранд:

1. Иқтибосҳо тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шаванд.
2. Дар қисми рӯйхати адабиёт тартиб риоя нашудааст.

Ман ҷонибдорам, ки диссертатсия пас аз ислоҳи эродҳо ба баррасии Шурои олимони Институт пешниҳод карда шавад.

Фаъолияти илмии диссертант Рузиев Меҳрубон Миралиевич ба инобат гирифта шуда, бо дарназардошти баррасии диссертатсия ва фикру андешаҳои аъзои шуъба

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи номзадии Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи **«Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ»)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ кори анҷомёфта ҳисобида шуда, пас аз ислоҳи эродҳо барои баррасӣ ба Шурои олимони Институт пешниҳод карда шавад.
2. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба нашр расонидаи диссертант мазмуни диссертатсияро пурра ифода мекунанд.

Раиси маҷлис,
номзади илми филология Мирзоев Сайфиддин

Котиб,
номзади илми филология Қодирова Салтанат

Имзои С. Мирзоев ва
С. Қодироваро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадри ИЗА АМИТ Нарзиқулова Ҳилола

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

«23» ноябри соли 2022